# Вохӯрии кормандон ва аъзоёни Ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажӯҳиш»-и Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистони Кумита бо номзад ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот Матробиён С. Қ.

Submitted by Ҳайати тадорукот on 26 February, 2020 - 15:00
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми феврали соли 2020 дар толори Кумита вохӯрии кормандон ва аъзоёни Ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажӯҳиш»-ро бо номзад ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихобот Матробиён Саодатшо Қосимзода баргузор намуд.

Дар ҷаласаи мазкур раиси Кумита О. Муҳаммадҷонзода раиси Ташкилоти ибтидоии «Пажӯҳиш», кормандон ва аъзоёни ташкилоти мазкур иштирок доштанд. Ташкилоти ибтидоии «Пажӯҳиш» баҳри татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо пуштибонӣ аз сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи татбиқи ҳадафҳои ҳизб ҷонибдорӣ ва дастгирӣ намуда, барои рушди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона саҳмгузорӣ менамояд.

Ташкилоти ибтидоии «Пажӯҳиш» фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Оиннома ва Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба роҳ монда, баҳри татбиқи ҳадафҳои барномавии ҳизб саъю талош намуда, тамоми имкониятҳои худро барои беҳбудии фаъолияти оянда истифода мебарад.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Фаъолият [3]

- 

- 

-

- 

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6630?mini=2025-09

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/asosi.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/24 [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200226_162640.jpg [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200226_162647.jpg [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200226_162703.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20200226_162706.jpg